# ҶАШН

## ВОҲИДОВ АБДУСАЛОМ (БАХШИДА БА 70 СОЛАГӢ)



Воҳидов Абдусалом 14 апрели соли 1954 дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд ба дунё омадааст. Соли 1972 баъди хатми мактаб ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил гашта соли 1977 бо ихтисоси табиби бемориҳои кӯдакона бо муввафақият хатм намудааст.

Аз соли 1977 баъди хатми Донишгохи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба Беморхонаи марказии нохияи Конибодом ба ҳайси духтури атфол ба кор омада то соли 1980 дар хамин вазифа кор намудааст. Аз соли 1980 то соли 1982 ординатураи клиникиро дар Пажуишгоҳи педиатрӣ АИТ СССР гузашта, соли 1982 дар пажуҳишгоҳи номбурда ба аспирантура дохил шуда соли 1985 рисолаи номзадиашро ҳимоя кардааст. Аз соли 1985 то 1987 дар Пажуишгоҳи илми тақиқоти сиҳати модар ва кӯдаки шаҳри Душанбе дар ҳайси мудири шуъба фаъолият намудааст.

Аз соли 1987 то 1993 чун ассистенти кафедраи момодоягии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино кор кардаанд. Солҳои 1993-1998 дар Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон дар хайси мудири кафедраи навзодон фаъолият кардаанд. Соли 1996 рисолаи доктори илмҳои тибро дар ПИТ Педиатрияи ш. Москва ҳимоя кардаанд. Аз соли 1998 то 2002 дар ҳайси сардори Раёсати ташкили ёрии тиббӣ ба модару кудак ва танзими оилаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият кардаам. Соли 2000 ба қарори КОА ФР дипломи «Профессор» сазовор гардидааст.

Аз соли 2002 то 2007 дар хайси танзимгари миллии лоихаи Бонки Рушди Осиё оид ба кам кардани камбизоатӣ фаъолият намуда, солхои 2007-2009 мутахассиси Вазорати тандурустӣ оиди неонатология фаъолият намудаанд. Аз солҳои 2009-2018 дар вазифаи муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон» оид ба корхои илм фаъолият намудаанд. Аз соли 2018 то ҳол дар вазифаи ходими пешбари илм дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии Истиклол» кор ва фаъолият карда истодааст.

Муаллифи зиёда аз 197 маколахои илмӣ, 8 монография ва зиёда аз 26 дастурҳои методӣ мебошад. Дар солҳои тӯллони сармутахассиси соҳаи неонатологияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааанд. Зери рохбарияшон 7 рисолаи номзадӣ химоя карда шудаст.

Аз соли 2006 ноиби президенти Федератсияи педиатрони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз соли 2010 ноиби президенти ассотсиатсиаи байналмилалӣ педиатрон, «International Pediatric Association (IPA)» мебошанд. Аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Вопросы практической педиатрии (Россия)», «Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон», «Паёми таълимоти баъдидипломии соҳаи тандурустӣ» фаъолона кор карда истодааст.

***Ҳайати таҳририяи маҷаллаи Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон***